**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзӯи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Омӯзиш ва пажӯҳиши робитаи адабиёти гуфторӣ (фолклорӣ) ва адабиёти навишторӣ яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ ба ҳисоб меравад. Ба ин васила, аз як тараф сарчашмаи асосии эҷодиёти тамоми адибон фолклор ва суннатҳои мардумӣ бошад, аз тарафи дигар дар зиндагӣ ва баъди даргузашти адибон дар байни мардум нақлу ривоятҳои воқеӣ ва бофтаю сохтае дар бораи онҳо вирди забон мешаванд. Бо гузашти замон бархе аз ин гуна матнҳо (роҷеъ ба адибони машҳур) ба осори таърихӣ, адабиётшиносӣ низ роҳ меёбанд ва бархе дар хотираи мардум мемонанд, ки бо диди илмӣ пажӯҳиш намудани ин гуна осор барои донистани рӯзгор ва осори адиб муҳим аст.

Аз осори гаронбаҳои сардафтари адабиёти форсии дарии тоҷикӣ устод Рӯдкӣ то рӯзгори мо кам боқӣ мондааст. Ба ин ҷиҳат ҳар чизеро, ки дар бораи ин шоири нобиға пайдо шавад, омӯхтан муҳим аст. Рисолаи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзӯи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба ҳамин масъала бахшида шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Муаллиф дар муқаддима оид ба мубрамӣ, дараҷаи омӯзиш, объект, предмет, ҳадаф, методология, навгонӣ, аҳаммияти назарию амалӣ, пешниҳоди масъалаҳо барои дифоъ, саҳми худ ва натиҷаҳои аз пажӯҳиш гирифтаашро баён намудааст.

Боби аввали рисола «Рӯзгор ва чеҳраи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ривоятҳои мардумӣ” ном дошта, аз ҳафт фасл иборат аст. Муаллиф ҳар фаслро мувофиқи мазмуни ривоятҳои мавҷуд табақабандӣ намуда,

онҳоро ба риштаи пажӯҳиш кашидааст. Дар фасли аввал “Ривоятҳои мардумӣ оид ба зодгоҳ ва овони кӯдакии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”, дар фасли дуюм “Муносибати Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо амирони Сомонӣ дар ривоятҳои мардумӣ”, дар фасли сеюм “Симои Рӯдакии шоир ва ҳаким дар ривоятҳои мардумӣ”, дар фасли чорум “Симои Рӯдакии ошиқ дар ривоятҳои мардумӣ”, дар фасли панҷум “Нобиноии Рӯдакӣ дар ривоятҳои мардумӣ”, дар фасли шашум “Назари мардум оид ба мазор ва ҷойи дафни Рӯдакӣ”, дар фасли ҳафтум “Ривоятҳои мардумӣ дар бораи авлоди Рӯдакӣ ва муносибати онҳо ба шахсияти шоир»-ро бо мисолҳо таҳқиқ намудааст. Хуб аст, ки муҳаққиқ дар атрофи ҳар ривояти мардумӣ назари худро мегӯяд. Ривоятҳои аз байни мардум сабтшуда ва ривоятҳои дар сарчашмаҳо бударо муқоиса карда, хулосаҳои худро баён менамояд. Ӯ ривоятҳои «Деҳаи Рӯдак ва Рӯдакӣ», «Рӯдакӣ аз деҳаи Рӯдак буд», «Рӯдакии ободкор», «Абулҳасани Уфорӣ», «Абулҳасани Панҷрӯдӣ»-ро оварда, нақли мардумро нисбат ба зодгоҳ ва кӯдакии ӯ шарҳ медиҳад. Ривоятҳои аз ҷониби пажӯҳандагон сабтшударо бо ривоятҳои дар сарчашмаҳо мавҷуд муқоиса мекунад. Аз ҷумла аз ривояти тазкираи «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухорой, ки онро баъдан Абдурраҳмони Ҷомӣ низ бо андак дигаргунӣ дар фасли ҳафтуми «Баҳористон»-и худ зикр намудааст, ёдовар мешавад. Дар ин маврид аз гуфтаҳои С.Айнӣ ва А.А.Семёнов низ ёдвар мешавад (дисс. с. 24-25).

Дар рафти кор ривояти мардумии «Бӯи ҷӯи Мӯлиён»-ро бо муқоиса аз “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ таҳқиқ менамояд. Зимнан ривоятҳои «Рӯдакӣ ва Шоҳ Исмоили Сомонӣ», «Рӯдакӣ шоири амири Бухоро», «Рӯдакӣ ва Аҳмади Сомонӣ»-ро оварда, назари худро дар бораи онҳо баён месозад. Маълум мешавад, ки ҳар кадоме аз ин ривоятҳои мардумӣ аз маҳбубияти Рӯдакӣ дар байни омма ҳикоят менамояд. Муаллифи рисола дар фаслҳои ҷудогонаи боби аввал ривоятҳои «Дар ҳаҷви устои зинсоз», «Табиби машҳур», «Рӯдакӣ табиби бузург», «Дӯстдори духтарони зебо», «Шоири нобино», «Кӯри модарзод», «Асои пирӣ», «Муллоҳои Ҳавоӣ», «Ҷойи қабри Рӯдакӣ»,

«Хонақоҳи Рӯдакӣ», «Мазори Рӯдакӣ дар Панҷрӯд», «Мазори бузургвор», «Авлоди Муллоҳои Ҳавоӣ», «Авлоди Абулҳасани Рӯдакӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, дар кадом мавридҳо гуфта шудани онҳоро баён намудааст.

Дар фасли панҷум муаллиф дар асоси ривоятҳои мардумӣ оид ба нобиноии шоир баҳси мантиқӣ менамояд: "Чи тавре ки аз маъхазҳои илмиву адабӣ маълум гардид, масъалаи нобиноии Рӯдакӣ дар осори хаттӣ маълумоти мухталифро фаро гирифта, тадқиқотчиёни ин масъала ба ду гурӯҳи муқобил ҷудо шуда, ақидаҳои гуногунро пешниҳод кардаанд. Бояд тазаккур дод, ки масъалаи биноӣ ё нобиноии Рӯдакӣ наметавонист аз madди назари мардум дар канор монад.

Дар ин хусус дар байни халқ низ ақидаву маълумоти зиёд мавҷуд мебошад. Оид ба ин масъала як силсила ривояту нақлҳои мардумӣ, ки аз байни мардумони деҳоти Панҷрӯд, Шинг, Колхозчиён, Ғезан, Некнот, Кулолӣ, Зери Ҳисор, Пағна, Вен, Порвен, Зимтут ва ғайра ҷамъоварӣ шудаанд, маълумоти арзишмандеро дучор омадан мумкин аст. Дар ин бахши ривоятҳо низ, чун дар адабиёти хаттӣ, баҳсу мунозира ва ақидаҳои халқ мухталиф баён ёфтааст. Бар асоси таҳлил, ривоятҳои ин бахшро аз рӯйи мазмун ва муҳтавояшон ба чаҳор гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст, аз ҷумла:

- Рӯдакӣ нобинои модарзод буда, аммо табъу ҳунари худодод дошт;
- Нобино кардани Рӯдакӣ дар давраи пирӣ аз тарафи душманони мутаассиб;
- Рӯдакӣ як чашмаш нобинои модарзод буда ва шоири бодавлат ҳам будааст.
- Дар давраи пирӣ ҳамчун бемории авлодӣ нобино гардидани чашмони Рӯдакӣ.

Ва ин чаҳор андеша маҳсули ривояту нақлҳои мардумианд, ки андешаву тахайюлоти худро бофтаву дар баъзе маворид аз забони

дигарон шунидаи гӯяндагон баён ёфтааст. Чунончи, дар ривояти «Шоири нобино», гӯянда Абдурраҳмон Нуров (таваллудаш 1900) аз деҳаи Панҷрӯд, ба чунин андеша аст: Рӯдакӣ шоири нобино буд ва ин ривоятро аз забони дигарон шунидааст” (дисс. с. 46-47).

Ба гуфти муаллифи рисола: «дар ривоятҳои марбута масъалаҳои мухталиф баён ёфтааст, ки то андозае шахсият, симо, кору амал, даврони кӯдакӣ, муносибату муоширати ӯ бо амирони Сомонӣ, чеҳраи шоирӣ ва пизишкии вай ва ҳамчунин, симои Рӯдакии ошиқ зоҳир мегардад. Инчунин, масъалаҳои нобиноии Рӯдакӣ аз назари мардум, мазору мадфани шоир ва муносибати авлодони Рӯдакӣ нисбат ба шахсият ва эҳтироми шоир дар ин осори мардумӣ воқеиву самимӣ тасвир шудааст, ки барои омӯхтани ҳаёту аҳволи ӯ муҳиманд» (дисс. с. 71).

Боби дуюми рисола “Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва адабиёти шифоҳӣ” унвон дошта, аз шаш фасл иборат аст. Дар фасли аввал “Бозтоби махлуқоти асотирӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”, дар фасли дуюм “Зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ дар шеърҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”, дар фасли сеюм “Истилоҳоти фолклорӣ дар ашъори Рӯдакӣ”, дар фасли чорум “Чистон ё лугз дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”, дар фасли панҷум “Марсия дар эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”, дар фасли шашум «Чеҳраҳои асотириву фолклорӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз баррасии муаллиф маълум мешавад, ки бархе аз ин масъалаҳои дар ин боб баён намудаи ӯ қаблан аз ҷониби Ш.Ҳусейнзода ва дигарон таҳқиқ шудааст, ки дар ин бора худи ӯ чунин ёдовар шудааст: “Роҷеъ ба таъсирпазирии адабиёти хаттӣ аз фолклор профессор Шарифҷон Ҳусейнзода тадқиқоти хуберо дар мисоли «Рӯдакӣ ва фолклор» анҷом дода, се тарзи истифодаи зарбулмасалҳоро дар ашъори ин шоир баррасӣ намудааст” (с. 84). “Ҳамчунин, пажӯҳишгарони дигар чун А. Афсаҳзод, И. С. Брагинский ва дигарон дар ин хусус ишораҳо доранд, ки дар мақолаву асарҳои худ вижагиҳои корбурди мақолу зарбулмасалҳоро дар шеъри Рӯдакӣ дарёфт намудаанд” (с. 84).

Дар ин мавриd муаллиф аз онҳо иқтибос оварда, назари онҳоро такрор менамояд ва мавриди истифодаи он зарбулмасалҳоеро, ки онҳо дар осори Рӯдакӣ таҳқиқ намудаанд, меорад. Дар ҳолати такрори таҳқиқи як масъала муҳаққиқ бояд андешаи илмии тоза медошт, беҳтар буд. Аз пажӯҳиши Ф.Исмоилов маълум мешавад, ки дар осори Рӯдакӣ истилоҳоти фолклорӣ ва ба хусус жанри марсия ҷойгоҳи вижае доштааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки андешаҳои хешро дар пайвастагии фолклор мавриди таҳқиқ қарор диҳад ва назари хешро баён намояд.

Вале дар идомаи пажӯҳиш ҳангоми баррасии ду матни чистони Рӯдакӣ муҳаққиқ аз асли мақсад дур шуда истилоҳи чистон ва луғзро дар луғатномаҳо ва осори илмии дигарон шарҳ медиҳад (с. 102-107). Хуб мебуд, ки бештар дар атрофи масъала суҳбат мекард.

Ба гуфти муаллифи рисола Рӯдакӣ “чеҳраҳои асотирии дев, аждаҳо, шайтон, симурғ, ҷин, парӣ ва ғайраро дар якчанд абёти хеш зикр намудааст, ки ин калимот дар байте ба маънии аслӣ ва дар ҷойи диғар маҷозан истифода шудаанд” (с. 74).

Баъдан муаллиф дар фасли шашуми боби дуюм ба номҳои машҳури таърихӣ ва асотирӣ ишорат мекунад, ки онҳо дар байни мардум машҳур мебошанд. Устод Рӯдакӣ ин образҳои мардумиро чун талмеҳ мавриди истифода қарор додааст, ки муҳаққиқ дар ин бора чунин ёдовар шудааст: “Дар ашъори ӯ ҳама ғуна ёдгориҳои таърихиву асотирӣ, бахусус, ҷойҳои таърихӣ, ёдгориҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ, чеҳраҳои таърихӣ, симоҳои асотирӣ - афсонавӣ, унсурҳои асотирии тахайюлӣ, зикри номи ҷирмҳои осмонӣ ва ғайра инъикос ёфтаанд. Рӯдакӣ дар осори хеш образҳои фолклориву таърихии Ҳотами Той, Луқмони Ҳаким, Кисро (Хусрави Парвиз), Рустам, Сифандиёр (Исфандёр), Сом, Лайливу Маҷнун, Юсуф ва Зулайхоро истифода намудааст ва чунин ишороти шоир гувоҳ бар онанд, ки таърихияти шеъри ӯ ниҳоят дар пояи баланд аст” (с. 114).

Боби сеюми рисола “Ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардумӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” аз се фасл иборат буда, дар фасли аввал «Тасвири ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”,

фасли дуюм «Инъикоси одобу русуми азодорӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”, фасли сеюм «Инъикоси боварҳои мардумӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”-ро таҳқиқ намудааст. Агарчи ин нуктаҳо аз ҷониби дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, вале муаллиф кӯшиш менамояд, ки ин масъалаҳоро бо фарҳанги суннатии мардум дар пайвастагӣ омӯхта, назари худро баён намояд. Ба гуфти муаллифи рисола расму ойин, ҷашну идҳои мардумӣ, маросими азодорӣ, дар асоси мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳои воқеии шоир дар заминаи ҳаёти иҷтимоиву таърихии халқ баён ёфтааст.

Рисоланавис дар асоси маводи таҳқиқии худ хулосаҳои даркорӣ баровардa, таҳлили бештар намудани масъаларо ёдовар мешавад. Аммо дар рисола нуқсонҳое роҳ ёфтааст, ки барои беҳбуди корҳои ояндаи пажӯҳанда бархе аз онҳоро ёдовар мешавем:

1. Дар асл «Мубрам будани мавзӯъи таҳқиқот» (с.4) ин нуктаи назарӣ буда, дар он бояд моҳияти мавзӯъ шарҳ меёфт, вале ба таври қонеъкунанда шарҳ наёфтааст.

2. Дар “Дараҷаи коркард шудани мавзӯи таҳқиқот” сатри аввал зиёдатӣ аст (с.5).

3. Муаллиф мегӯяд, ки “Д.Обидов ривояту нақлҳоро бо калимаву ибораҳои адабиёти китобӣ мувофиқ намудааст, ки ба назари мо, ин кор то ҳадде хусусияти фолклории чунин матнҳоро аз байн мебарад” (с.7). Ин назари муаллиф шарҳи илмӣ мехоҳад.

4. “Ҳадафҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ” (с.9) хато аст, чунки дар рисола маъмулан як ҳадаф (ё мақсад) таҳқиқ шуда, вазифаҳо бештар мешаванд. Дар айни замон дар с. 15 “Мақсади асосии пажӯҳиш ва ҳалли ҳадафҳои диссертатсия талаби пешниҳодвахимояи масъалаҳои асосии зеринро ба миён овард” такрори с. 9 аст.

5. Дар с. 65-66 баҳс дар бораи Мулло Холмаҳмад ва Ҳазрати Алӣ аст, аммо ба сарчашмаи он ишора нашудааст, ки аз куҷост.

6. Дар с. 75 аз Қ.Рустам иқтибос аст. Дар «Феҳристи адабиёт» бояд «Сарсухан»-и эшон ҷудогона оварда мешуд.

7. Дар с. 77 иқтибос аз О.Муродов дар бораи «парӣ» бо осори Рӯдакӣ ночаспон аст.

8. Дар с. 83-93 оид ба зарбулмасал ва мақолҳо дар ашъори Рӯдакӣ баҳс шуда, ки дар ин бора дар асарҳои Р.Раҳмонӣ солҳои 1998 ва 2008 гуфта шудааст, вале муаллиф аз онҳо бехабар аст.

9. "Феҳристи адабиёт" ба "сарчашмаҳо" ва "адабиёти илмӣ" ҷудо шуда, ҳамагӣ 124 номгӯйро дар бар мегирад. Аз ин 107 номгӯйи он сарчашма ва адабиёти илмӣ аст, ки хеле кам аст.

10. Дар сарчашма аксари асарҳо марбути адабиёти илмӣ аст нигар ба шумораҳои 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11 ва ғайра.

11. Номи пажӯҳандагон дар "Феҳристи адабиёт" чандгуна омадааст. Мисол: "Амонов, Раҷаб.", "Негматов, Б.", ки иштибоҳ аст.

12. Дар асари илмӣ маъмулан унвони "Донишномаи Рӯдакӣ" ё "Энсиклопедияи советии тоҷик"-ро намеоранд, балки ба муаллиф ва мақолаи дохили он ишора менамоянд. Мисол: Обидов, Д. Авлоди Рӯдакӣ // Донишномаи Рӯдакӣ / Д.Обидов. – Душанбе: ПЗАД, 2008. – С. 72.

13. М.Муллоаҳмаод яке аз рӯдакишиносон ба ҳисоб меравад, вале аз ӯ фақат як асар аз интернет истифода шудаасту халос, ягон асари дигари эшон дар "Феҳристи адабиёт" нест.

14. Дар рисола аз асарҳои Р.Раҳмонӣ, ки дар онҳо оид ба фолклор ва Рӯдакӣ ишораҳо мавҷуд аст, истифода нашудааст. Мисол: "Таҷрибаи рӯзгор" // Мардумгиёҳ. – 1993. – №1; "Рӯдакӣ ва фарҳанги ниёгон" Париж, 1998; "Пайванди суннатҳои бостонӣ ва оинҳои Сомонӣ дар осори Рӯдакӣ", Теҳрон, 1378ҳ. (1999); «Проблемы устной поэзии и прозы в творчестве персоязычных народов» М., 2000; «Биёед, дониши шифоҳии мардуми ориёитаборро гирд оварда, гиромӣ дорем», Мардумгиёҳ, 2003, №1-2; «Рӯдакӣ ва фарҳанги мардум", Душанбе, 2008; "Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик", Душанбе, 2008; "Нишонаҳои фарҳанги мардум дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ", Хуҷанд: Ношир, 2014 ва ғ.

Умедворем, ки муаллиф ҳангоми нашри рисола дар шакли китоб нуқсонҳои онро бартараф намуда, дар ҷодаи илми фолклоршиносӣ ба таври ҷиддӣ қадам мегузорад.

Муаллиф дар асоси пажӯҳиши худ хулосаи дуруст баровардааст, ки яке аз сарчашмаҳои асосии ашъори Рӯдакӣ ин осори фолклорӣ ва суннатҳои мардуми гузашта ва замони худи шоир мебошад. Дар маҷмӯъ рисолаи илмии Ф.Исмоилов барои рӯдакишиносӣ аҳаммияти муҳимми назарӣ ва амалӣ дошта, барои пажӯҳиши бештар ва амиқтари рӯзгор ва осори ин шоири нобиға хидмат хоҳад намуд.

Бо вуҷуди нуқсонҳои дар боло зикршуда, рисолаи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзӯи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, фишурдаи рисола, мақолаҳои чопшуда муҳтавои рисоларо ифода намуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ сазовор аст.

Муқарризи расмӣ,
Доктори илмҳои филологӣ,
пофессор Р.Қ. Раҳмонов

e-mail: ravrahmon@mail.ru
тел: 919890208
Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

Имзои Р.Қ.Раҳмоновро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
«29» 01 соли 2021